*Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун*

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 56 (4639) | СЕШАНБЕ, 25 АПРЕЛИ СОЛИ 2023 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН



**24-уми апрели соли 2023 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар як қатор шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба рафти корҳои сохтмонӣ дар марҳилаи сеюми татбиқи лоиҳаи «Таҷдиди қитъаи Қизилқалъа - Бохтар, идомаи роҳи автомобилгарди Душанбе-Бохтар», ки 9,2 километрро ташкил медиҳад, шинос шуданд.**

Шоҳроҳи мазкур дар заминаи татбиқи ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат, бахусус раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, бунёд ёфта, дар навбати аввал бештар аз 75 километр роҳ, шурӯъ аз шаҳри Душанбе то пули дарёи Вахш, воқеъ дар ноҳияи Хуросон таҷдиду навсозӣ ва мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта буд.

Дар марҳилаи навбатӣ бо дастгириҳои бевоситаи Ҳукумати мамлакат ва татбиқи лоиҳаи «Таҷдиди қитъаи Қизилқалъа-Бохтар, идомаи роҳи автомобилгарди Душанбе-Бохтар» бо дарназардошти васеъ кардани роҳ дар чор хати ҳаракат дар муҳлати муайяншуда мавриди истифода қарор мегирад.

Дар сохтмони роҳ фармоишгари татбиқи лоиҳа Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ширкати «СИ ТИ АЙ» ва пудратчӣ ширкати «ДАЙ НИППОН»-и кишвари Ҷопон корҳои босифатро ба анҷом расонида истодаанд. Муҳлати татбиқи лоиҳа беш аз 22 моҳро ташкил медиҳад. Сохтмончиён бо имкониятҳои хуби маблағгузорӣ дар доираи амалишавии лоиҳаи мазкур, хусусан ёддошти тафоҳум ва созишномаҳои грантӣ бо маблағи умумии 3 миллиарду 349 миллион ени японӣ (тақрибан 31 миллиону 829 ҳазор доллари амрикоӣ), бунёди роҳро ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои стандарти ҷаҳонӣ мавриди истифода қарор хоҳанд дод.

Тавре иттилоъ доданд, паҳноии роҳ аз 24 то 26,5 метрро дар бар мегирад. Аз рӯйи тарҳи бунёди роҳ дар таҷдиду навсозии ин самти ҳаракат якчанд пул, гузаргоҳу роҳравҳои алоҳида барои пиёдагардон сохта шуда, қубурҳои қутрашон гуногун низ хобонда мешаванд.

Аз рӯйи иттилои мутахассисони Вазорати нақлиёти ҷумҳурӣ, корҳои лоиҳакашӣ ва сохтмонӣ бо маблағҳои пешбинишуда ҷараён гирифта, корҳои бунёдӣ тибқи шартнома дар муҳлати муайян анҷом дода мешавад.

Ҳадафи асосии Ҳукумати мамлакат бо бунёди чунин роҳҳои хушсохту замонавӣ беҳтар гардонидани хизматрасонии нақлиёт, интиқоли молу маҳсулоти гуногун аз шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ба пойтахти мамлакат, фароҳам овардани ҷойҳои нави кор дар давраи сохтмон, беҳтар кардани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ арзёбӣ мешавад.

Дар ҷараёни амалишавии лоиҳаи бунёди роҳ садҳо нафар сокинони вилояти Хатлон бо шуғл фаро гирифта шуда, бо маоши баланд ҳавасманд гардонида мешаванд. Дар таҷдиду бунёди роҳ 19 мутахассиси хориҷӣ ва 379 мутахассиси маҳаллӣ фаъолияти доранд, ки ин 95 фоиз аз шумораи умумии кормандон аст.

Барои сифатнок ва дар муҳлати муайян ба анҷом расонидани корҳои сохтмонӣ 83 техника ва механизми пуриқтидори сохтмонӣ ҷалб шудааст, ки аз ин шумора 32 воситаи нақлиётро мошинҳои калони борбардор, 6 экскаватор ва дигар техникаҳои роҳсозӣ истифода мегардад.

Тавре ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ доданд, айни замон корҳои сохтмони роҳ хуб ҷараён дошта, аз рӯйи маълумоти мутахассисон 172 ҳазору 375 метри мураббаъ қабати поёнии якуми роҳ, 111 ҳазор метри мураббаъ қабати поёнии дуюм ба анҷом расонида шуда, 87 ҳазор метри мураббаъ қисмати болоӣ асфалт ва 83 ҳазор метри мураббаъ қабати дуюм низ асфалт гирифта шудааст.

Дар ду канори роҳ новаҳои обпарто, 18 адад қубурҳои обгузар гузошта, корҳои равшаннамоӣ дар 6 қитъа бо дарозии 1,4 километр ба анҷом расонида шудааст.

Айни замон тибқи лоиҳаи сохтмонӣ пулҳои рақами 15 ва 16 ба охир расида, барои истифодабарӣ омода карда шудаанд. Аз рӯйи маълумоти ниҳоӣ, корҳои сохтмонӣ дар масири мазкур то охири моҳи майи соли ҷорӣ пурра ба анҷом расонида мешавад.

Аз рӯйи таъкиди Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон корҳои сохтмонӣ дар роҳи дорои аҳамияти байналмилалӣ бояд бо сатҳу сифати аъло ба итмом расида, садсолаҳо барои сокинон ва меҳмонон хизмат расонад. Масири мазкур аз 4 хатти ҳаракат, ҳар кадоме иборат аз 3,5 метр ба ду самт бо пойдеворҳои бетонӣ қисмат карда шудааст.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни шиносоӣ аз корҳои анҷомёфта ба меҳнату заҳмати мутахассисону коргарон баҳои баланд доданд.

Дар масофаи қитъаи Қизилқалъа - Кӯшониён - Бохтар, ки 9,2 километрро дар бар мегирад, 2 пул, 8 истгоҳ, 16 қубури обгузар, 18 ҳазор метри мураббаъ роҳи пиёдагард ва гузоштани аломатҳои ишоравии ҳаракати роҳ дар қитъаҳои гуногуни он ба иҷро расонида мешавад.

Дар вусъати корҳои созандагӣ мутахассисони тоҷик дар ҳамкорӣ бо мутахассисони кишвари Ҷопон меҳнати босамар карда истодаанд.

Бунёди роҳи автомобилгарди Душанбе - Бохтар ҳамкориҳои иқтисодии минтақаи Осиёи Марказиро бештар намуда, Тоҷикистонро бо кишварҳои минтақа ва бандарҳои баҳрӣ пайваст мекунад, инчунин, васила дар ҳамлу нақли молу маҳсулоти гуногун мегардад.

**Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҳаллаи Ваҳдати шаҳри Бохтар ба фаъолияти коргоҳи забҳи парандаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Сафаров Холназар» оғоз бахшиданд.**

Он дар доираи нақшаи чорабиниҳои ободонию созандагӣ бахшида ба 35 - солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва солҳои 2022 - 2026 «Солҳои рушди саноат» бунёд шудааст.

Масоҳати умумии иншоот 0,6 гектарро ташкил дода, аз долони қабули паранда, забҳхона, ҳуҷраҳои тозакунӣ, поракунӣ, бандубаст, сардхона бо ғунҷоиши 1000 тонна маҳсулоти гӯштӣ, инчунин ошхона ва дигар ҳуҷраҳои ёрирасон иборат мебошад.

Технологияи корхона рақамӣ буда, масъулин онро бо истифода аз имтиёзҳои фароҳамовардаи Ҳукумати мамлакат дар соҳаи парандапарварӣ аз хориҷи кишвар ворид кардаанд.

Ин якумин коргоҳи забҳи паранда дар минтақаи Бохтари вилояти Хатлон ба ҳисоб меравад. Дар заминаи ба кор андохтани он беш аз 35 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷои кори доимӣ ва маоши хуб таъмин шуданд.

Дар коргоҳ имкон аст дар як рӯз то 10 ҳазор сар паранда забҳ карда шавад. Сардхонаи иншоот аз 7 анбори мутобиқ ба талабот иборат мебошад ва сардӣ дар дохили ҳар кадоми он бо таҷҳизоти замонавӣ таъмин мегардад. Барои дастрас намудани паранда ва интиқол додани гӯшти он то ҷои лозима 7 нақлиёти махсус харидорӣ карда, мавриди истифода қарор додаанд. Ин навъи хизматрасонӣ бо мақсади ба роҳ мондани ҳамкории ҳамаҷониба бо корхонаҳои парандапарварӣ роҳандозӣ шудааст.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бо таъкиди он ки бунёд гардидани чунин корхонаҳои замонавӣ дар зиёд шудани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти сифатноки ватанӣ, хоса гӯшти паранда, дар таъмини бозори истеъмолии минтақа ва дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ саҳми назаррас доранд. Мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани коргоҳи забҳи паранда дар шаҳри Бохтар дар амалишавии ҳадафи чоруми стратегӣ-саноатикунонии босуръати мамлакат замина мегузорад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулони соҳа барои истифодаи самараноки иқтидорҳои мавҷуда дастуру супоришҳои мушаххас дода, онҳоро барои афзоиш бахшидани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти ватании дорои сифати баланд ҳидоят карданд.

**Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон бо фаъолияти гармхонаҳои замонавии Кооперативи истеҳсолии Муҳсиддин «Н» шинос шуда, намоиши маҳсулоти барвақтии кишоварзони шаҳрро тамошо карданд.**

Майдони умумии Кооперативи истеҳсолии Муҳсиддин «Н» 10,14 гектарро ташкил медиҳад. Дар марҳилаи якум гармхона дар масоҳати умумии 3,3 гектар бунёд ва барои парвариши сабзавоти гуногуни барвақтӣ нигаронида шудааст.




Дар он номгӯи зиёди маҳсулоти ватанӣ ба намоиш гузошта шуд. Ҳоло дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон ду корхонаи истеҳсолкунандаи маҳсулоти гӯштӣ фаъолият мекунад. Корхонаҳо замина мегузорад, ба соҳибкор изҳори сипос намуданд.

Сипас, Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намоиши маҳсулоти гӯштии корхонаҳои истеҳсолии шаҳри Бохтарро аз назар гузарониданд.

Гармхонаро соҳибкорони ватанӣ ба хотири истиқболи сазовор аз ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бунёд намудаанд. Ҳоло дар он асосан бодиринги навъҳои гуногун, помидор, қаланфури булғорӣ ва боимҷон парвариш меёбад. Сабзавот дар гармхонаҳо ба таври қатрагӣ обёрӣ ва бо ғизо таъмин мегардад.

**(Давомаш дар саҳ. 2)**

# МУЛОҚОТИ МАҲМАДАЛӢ ВАТАНЗОДА БО НАЗИЛА ҒАНӢ

**20 - уми апрели соли 2023 муовини якуми Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Маҳмадалӣ Ватанзода бо гузоришгари вежаи Созмони Милали Муттаҳид оид ба озодии дин ва эътиқод Назила Ғанӣ ва ҳамроҳони ӯ мулоқот кард.**

Зимни мулоқот гуфта шуд, ки сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ қатъан дар мувофиқат бо принсипҳои конститутсионии ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки аз плюрализми сиёсӣ ва идеологӣ дар муносибатҳои байни ташкилоту созмонҳои давлатӣ ва динӣ маншаъ мегиранд, амалӣ карда мешавад. Ин принсипҳо дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ инъикос ёфта, ҷудо будани иттиҳодияҳои диниро аз давлат, дахолат накардани давлатро ба фаъолияти иттиҳодияҳои динӣ, ба ғайр аз ҳолатҳое ки қонунгузорӣ муайян кардааст, таъмин менамоянд ва ҳамчунин, хислати дунявии таълимро дар низоми давлатии маориф, таҳаммулпазириро байни динҳо ва мазҳабҳои гуногун кафолат медиҳанд.





Сатҳи ҳуқуқу озодиҳои инсон доир ба эътиқоди динӣ бо меъёри мавҷудияти иттиҳодияҳои динӣ, шумораи иттиҳодияҳои бақайдгирифта, чорабиниҳои фаҳмондадиҳӣ дар соҳаи дин ва таълими динӣ чен карда мешавад.

Зикр гардид, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои таҷрибаи судманди муҳокимаи доимии лоиҳаи қонунҳо бо сохторҳои маҳаллии Созмони Милали Муттаҳид оид ба мутобиқати онҳо ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқу озодиҳои инсон мебошад. Моддаи 5 Конститутсияи кишвар таъкид менамояд, ки «инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои он арзиши олӣ мебошанд ва онҳоро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд». Моддаи 10 Конститутсия бошад, эътибори олии ҳуқуқӣ доштани меъёрҳои конститутсионӣ дар низоми ҳуқуқии ҷумҳуриро эътироф намуда, ба меъёрҳои Конститутсия нисбат ба дигар сарчашмаҳои меъёрии ҳуқуқӣ бартарият медиҳад.

Ҳамчунин, қайд гардид, тартиби бақайдгирии иттиҳодияҳои динӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи озодии виҷдон ва иттиҳодияҳои динӣ» ба таври дақиқ муайян карда шудааст (моддаҳои 13 ва 14). Ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки талаботи қонуни мазкурро инкор намояд, зеро он мутобиқ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ дар соҳаи ҳуқуқи инсон, аз ҷумла қисми 3 моддаи 18 Паймони байналхалқӣ доир ба ҳуқуқи шаҳрвандӣ ва сиёсӣ бо мақсадҳои ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандони дигар, ҳифзи амнияти ҷамъиятӣ ва саломатии ҷомеа, муқаррар карда шудааст.

**Муҳаммадато СУЛТОНОВ, мудири шуъбаи матбуоти Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# ҚАРОРИ
## КОМИССИЯИ МАРКАЗИИ ИНТИХОБОТ ВА РАЪЙПУРСИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Дар бораи ташкили Комиссияи ҳавзавии интихобот оид ба интихоботи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази узви хориҷшуда дар ҳавзаи интихоботии бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вилояти Хатлон № 3**

Мувофиқи моддаҳои 12 ва 13 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон **қарор мекунад:**

Комиссияи ҳавзавии интихобот оид ба интихоботи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази узви хориҷшуда дар ҳавзаи интихоботии бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вилояти Хатлон №3 дар ҳайати зерин ташкил карда шавад:

**Комиссияи ҳавзавии интихобот оид ба интихоботи узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ивази узви хориҷшуда дар ҳавзаи интихоботии бисёрмандатӣ оид ба интихоботи аъзои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз вилояти Хатлон № 3**

**РАИСИ КОМИССИЯ**

Маҳмадализода Шавкат - мудири шуъбаи энергетика ва саноати Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон

**МУОВИНИ РАИСИ КОМИССИЯ**

Латиф Эраҷ - мудири шуъбаи ташкилӣ ва кор бо кадрҳои дастгоҳи раиси ноҳияи Ҷ. Балхӣ

**КОТИБИ КОМИССИЯ**

Саидзода Зиёдалӣ - сармутахассиси Раёсати Хадамоти давлатии назорат дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон

**АЪЗОИ КОМИССИЯ**

Зоирзода Дилшод - сардори бахши Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Левакант

Шукурова Малика - мудири шуъбаи муассисаҳои таҳсилоти томактабӣ, иловагӣ ва интернатии Раёсати маорифи вилояти Хатлон

Маҳмадализода Гулҷаҳон - муовини раиси ноҳияи Вахш

Мусозода Шодӣ - сардори филиали Муассисаи давлатии муҳофизати растаниҳо ва химиккунонӣ дар вилояти Хатлон

Мирова Рухшона - сармутахассиси шуъбаи ташкилии дастгоҳи раиси вилояти Хатлон

Ризозода Абдурозиқ - раиси Шӯрои иттифоқи касабаи вилояти Хатлон

Шамсов Шарифхон - муовини сардори раёсати Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа дар вилояти Хатлон

Қурбонзода Абдуҷаббор - раиси Ҷамоати шаҳраки Бохтариёни ноҳияи Кӯшониён

Қароргоҳ - мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кӯчаи Н. Ҳувайдуллоев № 1.

**Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Б. ХУДОЁРЗОДА**

**Котиби Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. САМАДЗОДА**

**ш. Душанбе, 25 апрели соли 2023, № 183**

# САФАРИ КОРИИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ БА ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

(Идома аз саҳ. 1)



Ҳадаф аз бунёди гармхонаҳо, агар аз як ҷиҳат афзун намудани истеҳсоли маҳсулоти барвақтӣ ва таъмини бозорҳои истеъмолӣ бо маҳсулоти хушсифати кишоварзӣ бошад, аз ҷониби дигар таъсиси ҷойҳои нави кор аст.

Ҳоло дар Кооперативи истеҳсолии Муҳсиддин «Н»-и шаҳри Бохтар 250 нафар сокини маҳаллӣ бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин мебошанд. Оянда бо бунёди марҳилаи дуюми гармхона имкон аст то 450 нафар соҳиби ҷойи кор шаванд. Тавре иттилоъ дода шуд, маҳсулоти дар кооператив истеҳсолшуда барои фурӯш ба бозорҳои шаҳр пешкаш мегардад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба соҳибкори маҳаллӣ барои бунёди чунин иншооти замонавии истеҳсолӣ изҳори сипос намуда, фаъолияти хоҷагидоронро намунаи ибрат номиданд.

Сипас, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намоишгоҳи маҳсулоти кишоварзии хоҷагиҳои деҳқонии шаҳри Бохтари вилояти Хатлонро аз назар гузарониданд. Дар намоишгоҳ асосан сабзавоти дар гармхона парваришнамудаи хоҷагидорони шаҳри Бохтар муаррифӣ гардид.

Бояд гуфт, ки сокинони шаҳри Бохтар ва ноҳияҳои атрофи он дар истифодаи гармхонаҳо таҷрибаи бой андӯхтаанд ва бо истеҳсоли маҳсулоти гуногуни кишоварзӣ дар роҳи таъмини амнияти озуқаворӣ саҳми назаррас доранд.

Ба иттилои масъулони соҳа айни замон дар шаҳри Бохтар дар масоҳати 3 гектар гармхонаҳои доимоамалкунанда фаъолият мекунанд. Дар шаҳр, инчунин, сохтмони гармхонаҳо дар масоҳати 10 гектар идома дорад.

Дар заминҳои наздиҳавлигӣ бошад, зиёда аз 35 гармхонаи доимӣ мавҷуд аст ва аллакай маҳсулоти истеҳсолкардаи онҳо дар бозорҳои шаҳр ба фурӯш бароварда шудааст. Бо дарназардошти талаботи замон хоҷагидорони шаҳр масоҳати гармхонаҳои типи навро бештар намуда, кӯшиш доранд, истеҳсоли маҳсулотро дар ҳама фасли сол афзоиш бахшанд ва бо ин роҳ дар ғанӣ гардонидани бозор бо маҳсулоти сифатнок саҳм гузоранд.



**Роҳбари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 25 апрели соли равон бо гузоштани санги асос ба бунёду навсозии «Қитъаи роҳи автомобилгарди Бохтар - Левакант ва Левакант - Лолазор»-и роҳи байналмилалии Бохтар - Левакант - Данғара - Кӯлоб оғоз бахшиданд.**

Бунёду навсозии қитъаи мазкур аз се марҳила иборат буда, марҳилаи якум «Қитъаи роҳи автомобилгарди Бохтар - Левакант» мебошад, ки дарозии он 9,72 километрро ташкил медиҳад ва бо харҷи 22,81 миллион доллари амрикоӣ амалӣ мегардад. Баъд аз таҷдиду навсозӣ роҳи мазкур ба категорияи 1-Б техникӣ баробар мешавад.

Бунёду навсозии марҳилаи дуюми қитъа, қитъаи роҳи мошингарди Левакант - Лолазор аст, ки бо дарозии 30,28 километр ва бо харҷи зиёда аз 19,62 миллион доллари амрикоӣ татбиқ мегардад. Пас аз таҷдиду навсозӣ он ба категорияи 3 техникӣ мутобиқ карда мешавад.

Бунёду навсозии 3 қитъаи роҳи автомобилгарди Бохтар - Левакант ва Левакант - Лолазор бо маблағҳои грантии Бонки осиёии рушд бунёд шуда, 2 қитъаи он аз тарафи ширкатҳои ватанӣ амалӣ мегардад.

Марҳилаи сеюм бошад, бунёду навсозии қитъаи роҳи Лолазор - Данғара мебошад, ки дарозии он 28,7 километрро ташкил медиҳад ва бо харҷи 18,96 миллион доллари амрикоӣ амалӣ мегардад. Пас аз таҷдиду навсозӣ он ба категорияи 3 техникӣ баробар мешавад.

Зимни муаррифии Лоиҳаи бунёду навсозии роҳи автомобилгарди Бохтар - Левакант ва Левакант - Лолазор ба Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иттилоъ дода шуд, ки дар ин масири роҳ навсозии 4 пул низ ба нақша гирифта шудааст. Аз ин шумора як пули мошингузар дар марҳилаи дуюм, ки қитъаи Левакант - Лолазор мебошад, пурра навсозӣ мегардад.

Дар марҳилаи дуюми татбиқи лоиҳаи мазкур 28 адад қубурҳои обгузар, се адад истгоҳи нақлиёт, насби сутунпояҳо барои чароғонкунӣ ба масофаи зиёда аз 66 километр ва гузоштани аломатҳои роҳ ба нақша гирифта шудааст.

Дар доираи амалишавии навсозии роҳи автомобилгарди қитъаи Бохтар - Левакант сохтмони 2 адад гузаргоҳи рӯизаминӣ, 5 адад такядевор бо дарозии умумии 554 метр, 5 адад қубури обгузар, 25 адад истгоҳи нақлиёт, васлу насби новаҳои оҳану бетонӣ бо дарозии умумии 14,74 километр, чароғонкунонии беруна ба масофаи 20,50 километр, инчунин насби аломатҳои роҳ ва бунёди дигар иншооти зарурӣ пешбинӣ гардидааст.

Ҳадафи асосӣ аз амалӣ намудани Лоиҳаи бунёду навсозии роҳи автомобилгарди Бохтар - Левакант ва Левакант - Лолазор барои таъмин намудани бехатарӣ ва ҳаракати мунтазами воситаҳои нақлиёт, аз ҷумла ба меъёрҳои байналмилалӣ, мутобиқ намудани ҳолат ва андозаҳои геометрии роҳ, инчунин сарфа намудани вақт ва сӯзишворӣ барои кашондани молу маҳсулоти гуногун дар ҳама фасли сол ва таъсиси ҷойҳои нави кор дар ҳудуди ҷумҳурӣ мебошад.

Фармоишгари лоиҳа Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҳамоҳангсози он Маркази татбиқи Лоиҳаҳои таҷдиди роҳҳо буда, паймонкори асосӣ Ширкати чинии «Нанҷинг Комюникейшн Инҷиниянинг Лтд Ко» мебошад.

Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон асно шиносоӣ бо Лоиҳаи бунёду навсозии роҳи автомобилгарди Бохтар - Левакант ва Левакант - Лолазор ба масъулон дастур доданд, ки роҳ дар асоси стандартҳои байналмилалӣ таҷдиду навсозӣ карда шавад, то ки солҳои тӯлонӣ ба мардум хизмат расонад.

Ҳоло корҳои бунёду навсозӣ дар қитъаи алоҳидаи роҳ, аз ҷумла дар қитъаи роҳи автомобилгарди Бохтар - Левакант оғоз гардида, тибқи нақша бомаром ҷараён дорад.

Дар рафти корҳои сохтмонӣ дар амалишавии лоиҳа 130 коргарону мутахассис, аз ҷумла 20 коргари хориҷӣ ба кор ҷалб гардида, бо истифода аз техника ва механизми муосири роҳсозӣ корро пеш мебаранд.

Мавриди зикр аст, ки таҷдиди роҳи автомобилгард бо ташаббуси Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон амалӣ мегардад. Дар оянда метавонад, ҳамарӯза тавассути ин роҳ молу маҳсулоти содироту воридотшаванда интиқол дода шавад. Аз ин рӯ, бунёду навсозии роҳ аҳамияти бузурги иқтисодию иҷтимоӣ дошта, дар беҳтар гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва рушди иқтисодиёти мамлакат заминаи устувор мегузорад.

Сиёсати роҳсозии роҳбарияти олии сиёсии мамлакат марҳила ба марҳила самар меорад ва дар ин самт қадамҳои устувор гузошта шудааст. Ҷараёни корҳои сохтмонӣ дар ин қитъаи роҳ пайваста таҳти назорати роҳбарияти Давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Чун ин қитъаи роҳ, ки ҷузъи асосии «Барқарорсозӣ ва беҳтаркунии роҳи автомобилгарди Бохтар - Данғара», қитъаҳои Бохтар - Левакант ва Левакант - Лолазор ба ҳисоб меравад, бо таҷдиду навсозии он рафтуомади доимии сокинон дар тамоми фасли сол таъмин гардида, интиқоли молу маҳсулот таъмин хоҳад шуд.

Ҳар як иқдоми созандаи Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти бунёду навсозии роҳ қадамҳои устувор барои ба як кишвари воҳид табдил додани Тоҷикистони соҳибистиқлол мебошад.

Дар асоси ҳамин лоиҳа таҷдиди роҳи байналмилалии Душанбе - Бохтар - Левакант - Данғара - Кӯлоб - Хоруғ - Кулма амалӣ мегардад. Баъди шиносоӣ бо рафти корҳо Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои оғози татбиқи лоиҳаи таҷдиди шоҳроҳи Данғара - Гулистон - Кӯлоб ва Данғара Гулистон - Фархор супориш доданд.

**Дар шаҳри Леваканти вилояти Хатлон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гармхонаи инноватсионии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Витаминҳои Тоҷикистон»-ро мавриди баҳрабардорӣ қарор дода, бо фаъолияти он шинос шуданд.**

Гармхонаи мазкур дар масоҳати 10 гектар замин бунёд ёфта, дар як қисми он бодиринг шинонида шудааст ва ҳоло ниҳолҳои он пурборанд.

Зимни боздид иттилоъ дода шуд, ки дар бештар аз 1 гектар замини дохили гармхона 30 ҳазор бех ниҳоли бодиринг бо дарназардошти талаботи аграрӣ шинонида шудааст, ки ҳар бехи он аз 3 - 4 килограмм маҳсулот дорад. Дар умум, аз як гектари гармхонаи мазкур тибқи дурнамо дар як давра бояд то 100 тонна ин навъи маҳсулот ба даст оварда шавад. Дар маҷмӯъ, дар ҳолати истифодаи пурраи гармхонаи мазкур то ба 1000 тонна анвои гуногуни маҳсулоти аълосифат аз ин ҷо ба даст овардан мумкин аст, ки ин нишондод барои таъмини бозорҳо бо маҳсулоти тару тозаи кишоварзӣ дар тамоми фасли сол саҳми назаррас хоҳад гузошт. Тибқи нақша, дар ин гармхона, ҳамчунин, парваришу истеҳсоли помидори навъи «Замира» ва қулфинай дар назар дошта шудааст.

Айни ҳол, дар ин қитъа бодиринги навъи «Орзу Ф1», ки аз Олмон ворид гардидаву ба иқлими Тоҷикистон ва ҳар навъи бемориҳо тобовар мебошад, парвариш карда мешавад. Дар нақша аст, ки дар як сол то 3 ҳосил аз гармхонаи Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Витаминҳои Тоҷикистон» дар вилояти Хатлон ба даст оварда шавад.

Таъкид гардид, ки дар навбати аввал маҳсулоти гармхона барои қонеъ сохтани талаботи дохилӣ ба бозор ба фурӯш бароварда мешавад ва минбаъд бо афзоиш ёфтани истеҳсолот он низ ба кишварҳои чун Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон содирот хоҳад шуд.

Гармхонаи инноватсионӣ дар асоси технологияи муосир, ки аз Ҷумҳурии Корея ворид гардидааст, бунёд ёфта, тамоми марҳилаҳои парвариши маҳсулот ба таври автоматӣ роҳандозӣ шудааст. Аз ҷумла, назорати рӯшноӣ ва ивази ҳавои дохилӣ ба таври худкор амалӣ гашта, ҳамчунин гармии дохили иншооти бахши кишоварзӣ бо истифода аз оби гарм бо усули радиаторӣ таъмин карда мешавад.

Шодобгардонии маҳсулот бо шакли қатрагӣ анҷом ёфта, ҳамчунин, таъмини нуриҳои минералиро низ тариқи об компютер назорату танзим менамояд.

Бо дарназардошти талаботи зиёд ба маҳсулоти тару тоза ва тариқи табиӣ парваришёфта истеҳсолот бо усули органикӣ дар гармхонаи инноватсионӣ роҳандозӣ шудааст ва дар муддати 40 - 45 рӯз бодирингу помидор ва дигар навъи маҳсулот пухтаву барои ҷамъоварӣ омода мешавад.

Дар ҳар гектар қитъаи гармхонаи мазкур то 10 нафар аз сокинони маҳаллӣ соҳиби ҷои кор гардида, дар маҷмӯъ, дар ин иншоот то 100 нафар бо кори доимӣ таъмин шуданд. Ҳамчунин, 100 нафари дигар барои ҷамъоварии ҳосил ба корҳои мавсимӣ ҷалб мегарданд. Инчунин, барои қабули муштариён дар назди гармхона шароити зарурӣ, ҳамсони утоқҳои кориву машваратӣ ташкил гардидааст.

Гармхонаи инноватсионӣ аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Саидмурод Давлатов бунёд гардидааст. Дар назди иншооти мазкур, ҳамчунин, намоиши дигар молу маҳсулоти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди Маркази тақсимоти яклухти «Витаминҳои Тоҷикистон», ки дар гӯшаҳои гуногуни кишвар истеҳсол мегардад, барпо карда шуд.

Таъкид гардид, ки ширкат айни замон дар ноҳияи Ашт дар масоҳати 94 гектар боғ истеҳсоли зардолу, ангур, олуча, бодом ва хуҷро ба роҳ мондааст. Ҳамчунин, соҳибкор дар масоҳати 6 гектар замини дигар дар ноҳияи Спитамен боғи суперинтенсивӣ ва гармхонаи инноватсиониро ба истифода додааст, ки он фаъолияти босамар дорад. Дар ноҳияҳои Панҷ ва Ҷайҳун бошад, аз ҷониби ҷамъият дар масоҳати 65 гектар замин боғи бодом ва писта бунёд гардида, маҳсулоти он ба аҳолӣ пешниҳод карда мешавад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз гармхона рушди соҳаи кишоварзӣ ва ташкили чунин иншоотро омили муҳими таъмини аҳолӣ бо маҳсулоти тару тозаи худӣ маънидод намуда, барои густариши фаъолияти минбаъдаву афзоиши истеҳсоли маҳсулот дар гармхонаи инноватсионӣ ба масъулин дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.



**Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар шаҳри Левакант ба Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Азот» ташриф оварда, калонтарин корхонаи кимиёвӣ дар мамлакатро пас аз таҷдиду навсозӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Корхонаи «Азот» дар доираи дастуру супоришҳои бевоситаи Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади таъмини талаботи хоҷагидорону кишоварзони мамлакат бо нуриҳои минералӣ, баланд бардоштани ҳосилнокии зироат, боз ҳам беҳтар таъмин кардани аҳолии кишвар бо маҳсулоти озуқаворӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои нави кор бо саҳми соҳибкорони ватанӣ навсозӣ карда шуда, бо навтарин технологияи ширкатҳои пешрафтаи давлатҳои ҷаҳон муҷаҳҳаз аст.

Дубора фаъол сохтани ин иқтидори бузурги саноатии мамлакат зери таваҷҷуҳи бевоситаи роҳбарияти олии сиёсии Тоҷикистон қарор дошт ва Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар солҳои охир ҷиҳати таъмини бештари амнияти ғизоии мамлакат ва ба кор андохтани ин зарфияти азими истеҳсолӣ масъулонро вазифадор мекарданд.

Бо фаъол гардидани корхонаи мазкур зиёда аз 1000 нафар шаҳрвандони мамлакат, хоса ҷавонони соҳибтахассус, бо ҷойи кор ва маоши баланд таъмин гардиданд.

Масоҳати умумии иншооти бузурги саноатӣ 94,4 гектарро дар бар гирифта, он дорои биноҳои маъмурию муҳандисӣ, бахши мониторинги истеҳсолӣ, ки ба таври автоматӣ раванди истеҳсолотро назорат ва идора менамояд, коргоҳҳои аммиак, карбамид, буғу обтаъминкунӣ, асбобҳои ченкунӣ ва автоматика, таъмири дастгоҳҳои механикию барқӣ, хоҷагидорӣ, нақлиёт, анбор, озмоишгоҳи марказӣ, дастаи ҳарбии наҷотдиҳандаи газӣ, шуъбаҳои системаҳои автоматикунонӣ ва назорати механикӣ мебошад. Коргоҳҳои истеҳсолии корхона дар масоҳати 54,4 гектар ҷойгир шудааст.

Дар Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Азот» асосан истеҳсоли карбамид, аммиак, дуоксиди карбон, оксигени газӣ ва нитрогени моеъ ба роҳ монда шуда, иқтидори истеҳсолии он дар марҳилаи аввал 90 ҳазор тонна нурии минералиро ташкил медиҳад.

Зимни шиносоии Роҳбари давлат бо ҷараёни фаъолияти корхонаи муосири саноатӣ иттилоъ дода шуд, ки дар сурати пурра ба кор андохтани хатҳои технологӣ имкон аст, ки солона 123,6 ҳазор тонна аммиак ва 180 ҳазор тонна карбамид истеҳсол карда шавад.

Карбамид дар хоҷагии халқ, аммиак барои истеҳсолот, дуоксиди карбон дар саноати сабуки хӯрокворӣ ва эҳтиёҷоти технологии корхона, инчунин оксигени газӣ барои тиб, кафшери газӣ ва нитрогени моеъ бошад, дар хоҷагиҳои чорвопарварӣ истифода бурда мешавад.

Маводи истеҳсолии корхона қабл ва баъд аз коркард дар озмоишгоҳи муосири муҷаҳҳаз бо дастгоҳу таҷҳизоти навтарин мавриди санҷиш қарор мегирад. Дар озмоишгоҳ асосан занону духтарон ба кор ҷалб гардидаанд.

Ёдовар мешавем, ки Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Азот» собиқ корхонаи нуриҳои азотии Вахш (ВАТЗ) мебошад, ки он соли 1967 таъсис ёфтааст ва бо сабаби фаъолият надоштани он барои солҳои зиёд хоҷагидорони мамлакат нуриҳои минералиро пурра аз кишварҳои хориҷӣ бо нархҳои гарон ворид мекунанд, ки ин раванд барои таъмини саривақтии соҳаи кишоварзӣ бо нуриҳои зарурӣ мушкилӣ пеш оварда, ба рушди муназзами соҳа таъсир мегузорад.

Акнун, ифтитоҳи ин корхонаи азими азотӣ пас аз таҷдиду навсозӣ бо иқдоми соҳибкорони ватанӣ дар доираи татбиқи ҳадафи чоруми стратегӣ - саноатикунонии босуръати кишвар ва эълони солҳои 2022 - 2026 «Солҳои рушди саноат» дар мамлакат имкон медиҳад, ки воридоти нуриҳои минералӣ аз кишварҳои хориҷи коҳиш дода шавад ва ҳамзамон оянда содирот ба давлатҳои ҳамсоя роҳандозӣ гардад.

Корҳои таҷдиду навсозӣ дар ин иншоотро мутахассисону муҳандисони ҶДММ «Осиё Кемикал» дар муҳлати муайянгардида ҷавобгӯ ба меъёрҳои байналмилалӣ ба анҷом расонда, арзиши лоиҳавии он беш аз 400 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Дар доираи татбиқи лоиҳа коргоҳҳои буғу обтаъминкунӣ, аммиак ва карбамид пурра бо низоми автоматикунонии системаҳои идоракунии раванди технологӣ бо истифода аз технологияи насли нави ширкати маъруфи ҷопонии Ёкогава электрик корпорейшн «YOKOGAVA Electric Corporation» навсозӣ гардида, дар таҷҳизоти системаҳои идоракунӣ Сентум ВП «Centum VP» ва Просаф РС «ProSafe RS» истифода шудааст.

Асбобҳои назоратию ченкунӣ ва системаҳои муҳофизат аз ҳолатҳои садамавӣ низ дар коргоҳҳои истеҳсолӣ бо истифода аз таҷҳизоти ширкатҳои шинохтаи ҷаҳонӣ, аз ҷумла Сименс «Siemens», Самсон «SAMSON», Эмерсон «Emerson», Метран «Metran» ва АББ «ABB» пурра иваз гардидаанд.

Таҷдиду навсозӣ ва муҷаҳҳазсозии корхонаи бузурги кимиёвӣ дар шаҳри Левакант бо дастгоҳу технологияҳои насли нави кишварҳои рушдкардаи дунё, аз ҷумла Ҷопон, Франсия, Россия, Олмон, Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Сингапур, Малайзия, Италия, Ирландия, Эрон, Ҳиндустон, Беларус, Украина, Туркия, Полша, Қатар ва Хитой дар идомаи тадбирҳои созандагӣ ба истиқболи ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифта, иқдоми муҳим дар роҳи боло бардоштани иқтидори истеҳсолӣ ва татбиқи барномаҳои давлатии соҳавӣ арзёбӣ мегардад.

